**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 08.01.2021**

Парвандаи аттестатсионӣ №4

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ №6

Дар бораи сазовор донистани Таваров Дилшодҷон Саидмуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 17 сентябри соли 2020 (Суратмаҷлиси №7) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 03 марти соли 2020, №63).

Унвонҷӯ Таваров Дилшодҷон Саидмуродович соли таваллудаш 1984, соли 2006 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси «Забони хориҷӣ (англисӣ)» хатм намудааст. Солҳои 2015-2018 унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Нуриддинов Раҳималӣ Шаҳбозович – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шоисматуллоев Шоназар** – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҳакимов Раҷаб Муродович** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ш.Душанбе) дар тақризи худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Шарифов И.У. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта мебошад ва он аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Матни диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, аз лиҳози забонӣ бо дарназардошти талаботҳои забони давлатӣ хеле хуб таҳрир гардидааст. Ҳар як зербоби диссертатсия хулосаҳои худро дорад, ки дар онҳо муаллиф инчунин фикру андешаҳои худро нисбат ба моҳияти масъалаи баррасишаванда изҳор намудааст. Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 6 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф таҷассум ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

1. Таваров, Д.С. Ҷангҳои иттилоотӣ: моҳият ва хусусиятҳои амалишавии онҳо [матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №2. –С.55-59. ISSN 0235-005X

2. Таваров, Д.С. Консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ [матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. –№3. – С.94-100. ISSN 0235-005X
3. Таваров, Д.С. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асоси ҷомеаи иттилоотӣ (таҳлили соҳаи идоракунии давлатӣ) [матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. –№2/4. –С.296-300. ISSN 2413-5151
4. Таваров, Д.С. Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ [матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. –№2/5. –С.270-273. ISSN 2413-5151
5. Таваров, Д.С. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ [матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№6. – С.252-257. ISSN 2413-5151
6. Таваров, Д.С. Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№8. –С.264-269. ISSN 2413-5151

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

Юсуфҷонов Ф.М. – номзади илмҳои сиёсӣ, ходими илмии шуъбаи масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад;

Абилов С.А. – номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи равандҳои сиёсии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод дорад. *Дар таҳқиқоти мазкур ҳарчанд ба масъалаи ташаккулёбии ҳукумати электронӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида бошад ҳам, хуб мебуд, ки онро дар доираи як параграфи алоҳида таҳқиқ менамуд. Аз ин рӯ, ба унвонҷӯ тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ин паҳлуи масъаларо низ ба инобат гирифта, ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистонро боз ҳам муфассалтар омӯзад.*

Муродова Г.Р. – номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Интихоби муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда, аз ҷумла дар атрофи амнияти иттилоотӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, масъалаҳои актуалии сиёсатшиносӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаи илмҳои сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мамлакат нақши босазо дорад ва ба масъалаи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:**

– назарияҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, дар заминаи таҳлили онҳо моҳият, хусусият ва инчунин нишонаҳои аввалиндараҷаю дуюмдараҷаи ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардидаанд;

– раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он муайян карда шудаанд;

– нақш ва мавқеи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва низоми иттилоотии мамлакат вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инчунин, таъмини амнияти иттилоотии кишвар нишон дода шудаанд;

– дар радифи ташаккулёбии ҳукумати электронӣ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат муайян карда шудаанд;

– раванди ташаккулёбии низоми иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд;

– мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти унвонҷӯ бо нуктаҳои зерин асоснок карда шудаанд:**

Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва

монанди инҳо метавон истифода бурд. Инчунин маводи диссертатсия барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои зикргардида низ метавонанд истифода гарданд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, вазифавӣ, сохторӣ, навъбандӣ, таҳлил ва таҷзия ба таври васеъ истифода гардидаанд. Таҳлил ва таҷзия имкон доданд, ки таърифҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳо нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар ин давлатҳо шароити хуби методологӣ фароҳам овард. Навъбандӣ барои муайян намудани навъҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва қонуниятҳои рушди онҳо хеле мувофиқ ба шумор меравад. Таҳлили системавӣ ва методи вазифавӣ барои омӯзиши унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба воситаи он таркиби ҷомеаи иттилоотӣ ва тағйирёбии мундариҷаи низоми иттилоотии мамлакат муайян карда шуд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот методи диалектикӣ низ истифода гардидааст. Бо ёрии ин метод ҷомеаи иттилоотӣ дар қолаби рушди таърихӣ баррасӣ гардида, занҷираи «ҷомеаи аграрӣ - ҷомеаи саноатӣ - ҷомеаи пасосаноатӣ» ҳамчун қонунияти диалектикӣ дониста шуда, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният муаррифӣ гардидааст.

**Аҳамияти амалии** натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ бо он тасдиқ мегардад, ки дар диссертатсия: хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ ифода меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Дар ҷаласаи 08-уми январи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Таваров Дилшодҷон Саидмуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки дар ҷаласа иштирок намуданд, чунин овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нет, бетараф – нет.

Муовини раиси
Шӯрои диссертатсионӣ, Латифов
д.и.т., профессор /____________/ Ҷура Латифович

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ, Шарипов Амриддин
н.и.т., дотсент /____________/ Нуридинович

**08.01.2021**